«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»

Ректори Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

/ /Файзулло Машраб Қурбоналӣ,

«14» 06 соли 2025

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон», анҷомёфта ба ҳисоб рафта, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба шӯрои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022 №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Ҳуқуқ ва озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон ва шаҳрванд»ба маънои ҳуқуқӣ доираи муносибатҳоеро ифода мекунанд, ки ба ҳар кас имконият медиҳад қобилият ва моликияти худро барои ҳама гуна фаъолияти иқтисодие, ки қонун манъ накардааст, танзими муносибатҳои меҳнатӣ, таъмини сатҳи шоистаи зиндагӣ ва истифодаи неъматҳои модию маънавӣ истифода барад».

Яке аз масъалаҳои муҳимме, ки имрӯз дар ҳар давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона дида мешавад эътироф ва риояи

ҳамаҷонибаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба вижа ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон ба ҳисоб меравад. Дарвоқеъ, таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон аз масъалаҳои умда ва муҳимми ҷомеаи ҷаҳонӣ маҳсуб мешавад. Зеро дар баробари арзиши олӣ доштани ин ҳуқуқу озодиҳо кам нестанд ҳолатҳое, ки камоли вайрон гардидани ин ё он ҳуқуқу озодиҳоянд. Зимни таҳлили адабиёти илмӣ ҳолатҳоеро мушоҳида намудан мумкин аст, ки тибқи он бисёре аз ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ бар хилофи аксари ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ хусусияти принсипӣ доранд. Албатта ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, метавонанд ба маънои воқеии худ ҳамчун принсипҳои фаъолияти давлат, ки чун ниҳоди «хидмати умумӣ» амал мекунад, шарҳу тафсир ёбанд.

Муаллиф зикр менамояд, ки нимаи дуюми асри XX фалсафаи нави ҳуқуқи инсон тадриҷан ташаккул меёбад, ки ба идеалҳои сотсиал-демократии адолат, ҳамбастагӣ, уҳдадориҳои иҷтимоӣ ва ғайра феҳристи ҳуқуқҳои инсон тавассути дохил кардани ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ асос ёфтааст. Ин раванди такмил, пеш аз ҳама, ба дигаргуниҳои бузурги иҷтимоӣ, ки дар ҷаҳон ба амал омадаанд, афзудани давлатҳои иҷтимоӣ, таҳаввули онҳо аз тарҳи сирф либералӣ ба тарҳи либералии иҷтимоӣ сарчашма мегирад. Бояд иброз дошт, ки давлат на танҳо тамоми ҳуқуқҳои эътирофкардаи худро бидуни истисно, новобаста аз он ки риоя ва ҳифзи кадом ҳуқуқҳо дар назар дошта шудааст, кафолат медиҳад, балки дар назди шаҳрвандони худ масъулият низ дорад. Ҳамин аст, ки дар қатъномаи Ассамблеяи Генералии СММ № 32/130 аз 16-уми декабри соли 1966 гуфта шудааст, ки тамоми ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон тақсимнашаванда ва бо ҳам алоқаманданд.

Зимни омодасозии диссертатсия муаллиф талош варзидааст, то ки ҳама ҷанбаҳои зарурӣ ва муҳимми мавзуи мазкурро вобаста ба вазифаҳои гузошташуда инъикос намояд, ки ин аз мукаммалии таҳқиқоти илмии анҷомёфта шаҳодат медиҳад.

**Дарачаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.**

Дар ҷараёни рушд ва таҳкими ҳифзи ҳуқуқии инсон васеъ намудани заминаи ҳуқуқии мафҳуми умумии «ҳуқуқи инсон» дигар воқеияти навро инъикос намекард ва зарурати мушаххассозӣ ва тафовутбахшӣ ба миён омада буд. Аз ин рӯ, бо мурури замон дар санадҳои ҳуқуқӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ гурӯҳҳои мустақили ҳуқуқу озодиҳо дар низоми умумии ҳуқуқи инсон: шаҳрвандӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ҷудо карда мешаванд. Чунин шуморида мешавад, ки ҳар яке аз гурӯҳҳои болозикр гурӯҳи мустақили ҳуқуқу озодиҳо мебошанд ва аз ин рӯ, дар заминаи таҳқиқоти рисолаи номзадӣ аз рӯйи ҳамин дидгоҳ пажӯҳиш гузаронида шудааст. Илова бар ин, масъалаи муқаррар намудани ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ба далели анъанаи муқарраршудаи дарки умумияти ин гурӯҳи ҳуқуқҳо, ки дар байни доираи муайяни муҳаққиқон реша давондааст, мураккабтар аст (саҳифаи 30).

Ба андешаи муаллиф вазъи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ дар даврони шуравиро дастикам ба ду давра – то ва баъд аз миёнаҳои солҳои 50-ум, ҷудо намуда, онҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ кардан мумкин аст. Чунки сатҳи таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии шаҳрвандони шуравӣ дар давраи аввал ниҳоят паст буда, ин ҳолат ба омилҳои объективӣ, масалан, ҳолати низомии ИҶШС ва субъективӣ, ки бештар аз зовияи идеологияи коммунистӣ зуҳур мекарданд, вобастагӣ дошт. Сар аз соли 1956 бо қабули санадҳои мухталиф, аз як тараф, эътирофи ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодии шаҳрвандони шуравӣ, махсусан деҳқонони колхозӣ ба сатҳи тоза расид ва аз тарафи дигар кафолату таъмини давлатии онҳо пурзӯр карда шуд. Бо вуҷуди ин, танҳо бо қабули Конститутсияи ИҶШС дар соли 1977 тамоми қишри коркунони колхозӣ аз рӯйи ҳуқуқҳои конститутсионӣ ба синфи коргар комилан баробар карда шуданд. Метавон гуфт, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии ИҶШС баъд аз қабул аз ин Конститутсия аз

назари мухтаво ва мундарича ба санадҳои имрӯза шабоҳати бисёр наздик доштанд (саҳифаи 60).

Ҳангоми навиштани диссертатсия муаллиф мавзуи мазкурро аз ҳар дидгоҳ баҳогузорӣ намуда, ишора намудааст, ки бо назардошти мухтавои мубоҳисаҳои ҳимояи ҳуқуқӣ ва чӣ гуна рушд ёфтани доктринаи ҳуқуқи башар, ки асосан, баъди аз таъсиси СММ воқеъ шудааст, бештари нозирони динҳо ва фарҳангҳои гуногун ба ин боваранд, ки ҷунбиши ҳимоят аз ҳуқуқи башар, ки фардро ҳамчун субъекти асосии ҳуқуқ эътироф кардааст, аз анъанаи либералии афкори ғарбӣ сарчашма гирифта, бо давлати либералӣ зич алоқаманд аст (саҳифаи 64).

Бояд гуфт, ки диссертатсияи омодагардида дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон», дарвоқеъ анҷомёфта ба ҳисоб меравад, чунки хулосаву тавсияҳо, масъалагузорӣ аз ҷиҳати амалии кор, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида, тамоми паҳлуи зарурии корро дар бар мегиранд ва ҳамаи онҳо аз ҷиҳати илмӣ асоснокранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда.**

Навгонии илмии таҳқиқ ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда ва дигар таклифу хулосаҳо ҳамаҷиҳата ба мақсад мувофиқ аст. Чунки ҷамъи онҳо метавонанд дар такмили қонунгузории соҳа ва умуман муҳити илми ватанӣ хизмат намоянд.

Навгонии илмӣ дар он дида мешавад, ки рисола аввалин таҳқиқи назариявӣ – таърихии мукаммал, низомнок, фарогир ва монографӣ дар робита ба ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар ҶТ аст. Диссертатсия бо истифода аз сарчашмаҳои таърихӣ – ҳуқуқӣ заминаҳои таърихии ҳуқуқи марбутаро бозшиносӣ намуда, бори аввал дар ҳуқуқшиносии тоҷик вазъи кунунии қонунгузорӣ ва таҷрибаи амалисозии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоиро баррасӣ карда, равишҳои мушаххаси таъмини ҳифзу ҳимояи онҳоро ироа медиҳад. Таҳлили низоми ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ки на ба таври алоҳида, балки бо ҳамбастагӣ ба

ҳамдигар анҷом ёфтааст, имкон додааст, ки вазъи ҳуқуқии таъминоти иқтисодиву иҷтимоӣ дар кишвар мушаххас гардад.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.**

Аҳаммияти илмиву амалии рисола ба андешаи муаллиф дар он аст, ки тамоми натиҷаҳои бадастомада метавонанд аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ баҳри такмили қонунгузории кишвар ва дигар ниҳодҳои зарурӣ мусоидат намоянд. Ишора мешавад, ки ҶТ ҳамчун давлати иҷтимоӣ, ки дар моддаи якуми Конститутсияи кишвар омадааст, барои андешидани маҷмуи тадбирҳо барои пешгирӣ, рафъ ё кам кардани оқибатҳои манфии хатарҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, мутобиқ кардани шахс ё оилаи ӯ ба шароити нави ҳаёт мувazзаф аст. Дараҷаи ҳифзи иқтисодиву иҷтимоии аҳолӣ дар давлат аз он вобаста аст, ки механизми таъмини ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ дар қонунгузорӣ то чӣ андоза возеҳу мушаххас мунъакис шудааст ва таҷрибаи татбиқи ҳуқуқ дар соҳаи дахлдор то кадом андоза самаранок аст.

Вобаста ба ин фикру андешаҳо як қатор нуқтаҳоеро, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод гардидааст, манзур менамоем:

а) Агар таърихи пайдоиши «Авасто»-ро, ки солҳои 1500 – 1000 қабл аз милод гуфта мешавад, ба назар бигирем, пас метавон иддао кард, ки аҷдодони тоҷик ҳанӯз дар ин давра бунёдитарин ҳуқуқҳои инсонро эҳтиром мегузоштаанд. Сарчашмаҳои ҳуқуқи зардуштӣ нишон медиҳанд, ки андешаҳои ҳуқуқӣ дар бораи интихоби касб (ҳуқуқ ба интихоби соҳаи фаъолият), меҳнат (ҳуқуқ ба меҳнат), ҳимоя аз занон, занони ҳомила, кӯдакон (ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ), манзили истиқоматӣ (ҳуқуқ ба манзил), ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ (ҳуқуқ ба ҳифзи саломатӣ ва ёрии тиббӣ) муҳити солими зист (ҳуқуқ ба муҳити солими атроф), ки ба гурӯҳи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ шомил мешаванд, бо пайдоиши «Авасто» ба миён омадаанд (саҳ. 15).

б) Бо мақсади кафолати қавитари конститутсионии ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ба моликият ва мерос пешниҳод мешавад, ки моддаи 32-и и Конститутсияи ҶТ дар таҳрири зерин муқаррар карда шавад:

«Моддаи 32. Ҳар кас ҳуқуқ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад, онҳоро истифода барад ва ихтиёрдорӣ намояд.

Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пурраащ давлат гирифта метавонад.

Товони зарари моддӣ ва маънавие, ки шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва ё шахсони алоҳида мебинад, мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо рӯёнида мешавад.

Мусодираи молу мулк танҳо бо қарори суд дар ҳолатҳо, ҳаҷм ва тартиби муқаррарнамудаи қонун татбиқ карда мешавад.

Истифодаи моликият набояд ба ҳуқуқ, озодиҳо ва шаъну шарафи шаҳрвандон, ба манфиатҳои ҷамъият зарар расонад, ба вазъи экологӣ ва сифатҳои табиии замин таъсири манфӣ расонад» (саҳ. 19-20).

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.**

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқикро эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида дар самти ҳуқуқҳои марбута, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ асос меёбанд.

б) Бо мақсади кафолати қавитари конститутсионии ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи инсон ба моликият ва мерос пешниҳод мешавад, ки моддаи 32-и и Конститутсияи ҶТ дар таҳрири зерин муқаррар карда шавад:

«Моддаи 32. Ҳар кас ҳуқуқ дорад соҳиби моликият ва мерос бошад, онҳоро истифода барад ва ихтиёрдорӣ намояд.

Ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад ҳуқуқи шахсро ба моликият бекор ва маҳдуд кунад. Молу мулки шахсро барои эҳтиёҷоти ҷамъият фақат дар асоси қонун ва розигии соҳиби он бо пардохти арзиши пуррааш давлат гирифта метавонад.

Товони зарари моддӣ ва маънавие, ки шахс дар натиҷаи амали ғайриқонунии мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, дигар шахсони ҳуқуқӣ ва ё шахсони алоҳида мебинад, мувофиқи қонун аз ҳисоби онҳо рӯёнида мешавад.

Мусодираи молу мулк танҳо бо қарори суд дар ҳолатҳо, ҳаҷм ва тартиби муқаррарнамудаи қонун татбиқ карда мешавад.

Истифодаи моликият набояд ба ҳуқуқ, озодиҳо ва шаъну шарафи шаҳрвандон, ба манфиатҳои ҷамъият зарар расонад, ба вазъи экологӣ ва сифатҳои табиии замин таъсири манфӣ расонад» (саҳ. 19-20).

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.**

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқро эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажӯҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва давлатҳои алоҳида дар самти ҳуқуқҳои марбута, таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои такмили ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ асос меёбанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.**

Саҳми шахсии муаллифи рисолаи илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ мегарданд. Инчунин сабки навишт, масъалагузорӣ ва шеваи бархӯрд ба таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Муаллифи диссертатсия Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ вобаста ба мавзуи таҳқиқоти илмӣ 8 мақолаи илмиро ба нашр расонидааст, ки 5 он дар маҷаллаҳои тақризшаванда рӯйи чоп омадааст.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.**

Вобаста ба мазмуну муҳтавои диссертатсия муаллиф дар як қатор семинарҳову конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ баромад намуда, дар маҷаллаҳои онҳо вобаста ба паҳлуҳои гуногуни мавзуи мазкур мақолаҳо чоп намудааст. Аз ҷумла: Конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Ҳуқуқи инсон: дирӯз ва имрӯз» – маъруза дар мавзуи: «Ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ». – Душанбе, 2022; Конференсияи байналмилалии илмию назариявӣ дар мавзуи «Масъалаҳои назариявии ташаккули фарҳанги ҳуқуқи инсон дар Тоҷикистон» - маъруза дар мавзуи: «Механизмҳои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ». – Душанбе, 2023; II-юмин конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи он» бахшида ба рӯзи илми тоҷик – маъруза дар мавзуи: «Аз таърихи ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон». – Душанбе, 2023; Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқи инсон ва масъалаи муқовимат ба коррупсия дар ҷаҳони муосир: консепсияҳо, воқеият ва дурнамо» – маъруза дар мавзуи: «Таъсири коррупсия

ба ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ». – Душанбе, 2023; Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Масоили мубрами такмили конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир» – маъруза дар мавзуи: «Таҳкими ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар Конститусия». – Душанбе, 2023; Конференсияи илмӣ амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Мушкилоти қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир» – маъруза дар мавзуи : «Ҳуқуқи моликият ба замин». – Душанбе, 2023 ва ғайра.

Рисола аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, 2 боб, 8 фасл ва 3 зерфасл, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда мураттаб шудааст, ки ба максад, вазифа ва мантиқи таҳқиқ асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 202 саҳифаро ташкил медиҳад.

Автореферат ба муҳтавои диссертатсия мувофиқат дорад. Бояд қайд намуд, ки дар автореферат вобаста ба бобҳо ва зербобҳои он натиҷаҳои асосӣ ва мазмуну моҳияти онҳо ба таври мухтасар оварда шудааст.

Дар муқаддима аҳамияти мавзуи таҳқиқшаванда асоснок карда шуда, дараҷаи омузиши он арзёбӣ гардида, лбъекту мавзуи таҳқиқот ҳадафу вазифаҳои он, асосҳои назарию методологӣ, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти амалӣ муайян карда шудаанд.

**Дар боби якум,** ки асосҳои назариявӣ ва таърихи таҳаввули ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ номгузорӣ гардидааст, фарогири 6 зербоб аз қабили: мафҳум, вижагиҳо ва сохтори ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон, ташаккул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар сарзаминҳои таърихии тоҷикон, ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ, ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар сарчашмаҳои ҳуқуқи исломӣ, ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ва вазъи амалисозии онҳо дар Тоҷикистони шуравӣ, таърихи байналмилалии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ мебошад.

**Дар боби дуюм** ҳамчун асосҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва кафолати ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки он низ аз 6 зербоб иборат мебошад, масъалаҳои зери мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Аз ҷумла: асосҳои меъёрии ҳуқуқии ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, кафолати ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар қонунгузории Тоҷикистон, ҳифзи ҳуқуқ ба таъминоти иҷтимоӣ дар низоми ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ, ҳифзи судии ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ: таҳлили қарорҳои вобастаи Суди Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ҳар ду бобҳо паҳлуҳои гуногуни вазифаҳои гузошташуда мавриди таҳлили пурра ва ҳамаҷониба қарор гирифта, ҳалли мушкилиҳо ва дурнамои он нишон дода шудааст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Рисолаи илмии Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз руйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат мувофиқ аст.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Тахассуси илмии довталаб Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ ба ихтисоси илмии дархостшаванда 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат, ки бо Бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 апрели соли 2017, №1/4 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Таҳқиқи диссертатсионӣ аз ин ҷиҳат қобили дастгирӣ мебошад, ки воқеан диссертатсия аз ҷониби муаллиф ба таври мустакилона навишта шудааст. Зеро, тарзи навишт, усулҳои истифодагардида, навгонии илмӣ, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодгардида, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои сатҳи

гуногун ва умуман масъалагузорӣ аз бевосита омода гардидани рисола аз ҷониби муаллиф дарак медиҳанд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.**

Бояд қайд намуд, ки дар баробари муваффақиятҳои ишорашуда, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноку норавшан ҷой доранд, чунончӣ:

1. Муаллифи рисолоа дар қисми аввали навгониҳо ҳуқуқу озодиҳои иҷтиморо ҳамчун ҳуқуқҳои конститутсионии инсон пешнҳод намудааст, ки дорои хусусиятҳои хоса мебошанд. Барои тавсифи пурраи хусусятҳои конститутсионии ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоӣ аввалан моҳият ва мазмуни онҳоро бояд дар доираи муносибатҳои конститутсионӣ шарҳ медод, ва хуб мешуд, ки механизми ҳимояи конститутсионнии ҳуқуқу озодиҳои иҷтимоиро ҳамчун як самти хосаи навгонии рисола пешниҳод мекард.

2. Муаллифи рисолоа дар қисми 5 навгониҳои рисола пешниҳод менамояд, ки сохтори механизми таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоиву иқтисодӣ, ҷиҳатҳои функсионалӣ ва кафолатҳои ҳуқуқии онҳоро ба таври маҷмуӣ дастабандӣ кунем, метавон се гурӯҳи мустақили кафолатҳои ҳуқуқиро ҷудо намуд: 1) кафолатҳои татбиқи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи иқтисодиву иҷтимоӣ; 2) кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодиву иҷтимоӣ; 3) кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқҳои мазкур. Чунин пешниҳоди муаллифи рисола танҳо ба гуруҳбандии кафалатҳо таалуқ дорад, ки ин усули кор ба фикри мо сохтори механизми таъмини ҳуқуқро ба пуррагӣ дар бар намегирад. Аз он ҷумла ибораи истифодашудаи муаллиф “кафолатҳои ҳифзи ҳқуқҳои мазкур” гуфта чиро дар назар дорад, маълум нест. Дар ҷараёни ҳимояи рисола пешниҳод карда мешавад, ки муаллиф ба саволи гузошта шуда ҷавоб гардонад. (С.12).

3. Чуноне, ки дар рисола қайд карда шудааст “бидуни кафолатҳои зарурӣ ҳуқуқҳо ва озодиҳое, ки дар қонуни конститутсионӣ эълон шудаанд, наметавонанд пурра татбиқ шаванд ва, дар асл, ба маънои холӣ табдил меёбанд. Аз ин рӯ, татбиқи ҳуқуқу озодиҳои муқаррааргардида на танҳо шароити мусоидро талаб мекунад, балки фаъолияти пайвастаи мақомоти давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандонро низ барои ташкили воситаҳои самарабахши ҳифзи ин арзишҳо дар бар мегирад”. Аз ин лиҳоз, кадом кафолатҳо метавонанд ҳамчун низоми шароит, воситаҳо ва усулҳое баррасӣ шаванд, ки имкониятҳои баробарро барои эътироф, ба даст овардан ва татбиқи ҳуқуқу озодиҳо таъмин менамоянд. Аз муаллифи рисолоа хоҳиш карада мешавад, ки дар ҷараёни ҳимояи рисола ба саволи гузошта шуда равшани андозад.

Аммо, эрод ва норасоиҳои ишорашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсир намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардонанд.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.**

Зимни таҳлили пурра ва ҳамаҷонибаи кори таҳқиқоти мазкур чунин хулосбандӣ намудан мумкин аст, ки диссертатсияи Сайвализода Ҷумахон Сайвалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди ҳуқуқу озодиҳои иқтисодиву иҷтимоии инсон дар Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат, дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқ аз руйи ихтисоси 12.00.01 - Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат, таърихи таълимот оид ба ҳуқуқ ва давлат сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси бандҳои 76-79 ва 81-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Диссертатсия ва автореферет дар семинари васеи илми-назариявии назди кафедраи фанҳои давлати-ҳуқуқии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон муҳокима шуд. Дар семинар иштирок намуданд: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳи: «тарафдор» - 11 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Протоколи семинари васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №2 аз 09 июни соли 2025 тасдиқ шудааст.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор - мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Элназаров Д.Х. омода карда шуда, он дар ҷласаи кафедра муҳокима ва ҷонибдорӣ карда шудааст. Дар ҷаласаи кафедраи фанҳои давлати-ҳуқуқии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон иштирок доштанд: - 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳи: «тарафдор» - 11 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест. Протоколи кафедра таҳти №11 аз 13 июни соли 2025 тасдиқ шудааст.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон — Кравченко О.В.

**Ташхисгар:** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор - мудири кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон — Эльназаров Д.Х.

**Котиб**: муаллимаи калони кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Умедов К.М.**

Имзои Кравченко О.В, Эльназаров Д.Х ва Умедов К.М. - ро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳои Муассисаи байнидавлатии таҳсилоти олии Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон **Рахимов А.А.**

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734000, ш. Душанбе, М.Турсунзода, 30; Тел.: +(992) 37 221-35-50; Факс. +(992) 37 221-35-50; p.rektora@mail.ru; www.rtsu.tj.ru